# Тақриз

**Ба автореферати диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзӯи “Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.08.01.01- зироаткории умуми, растанипарварӣ.**

Вазифаи муҳими илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон доимо таъмин амнияти ғизоӣ боқи мемонад. Расидан ба ҳадафи таъмини амнияти ғизоӣ диверсификатсияи соҳаи растанипарвариро талаб намуда дуруст истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ, алалхусус захираҳои заминҳои корами лалмии аз нами таъминро самаранок истифода бурдан лозим. Тавассути истифодаи технологияҳои нави ҳозиразамон парваришу истеҳсоли зироатҳои серсафеда ва равғандиҳанда, ки аз ҷиҳати иқтисоди фоидаовар мебошад зиёд карда шавад.

Омузиши мавзуи интихобнамудаи Солиҳов М. М, вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор, дар шароити тағирёбии иқлим ба мавриди мебошад, истифодаи сарфакоронаи технологияҳои захираи нами дар ҷумҳури пурра омухта нашудааст.

Дисертант дар асоси омузиши низоми коркарди минимали ва сифрии хокро бо роҳи камхарҷ кишт намудани зироатҳои лубиёдонагӣ (мушунг) ва равғандиҳанда маъсар ва зағир пурра омухта ҳамчун навгонии илмии таҳқиқотро дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини Тоҷикистони Маркази муайян намудааст.

Солиҳов М. М дар давраи гузаронидани корҳои илмӣ таҳқиқоти таъсири чуқурии коркарди хокро омухта нисбат ба ташаккулёбии хусусиятҳои беҳтарини хоҷагидории зироати лубиёдонагӣ мушунг ва равғандиҳанда маъсар, зағир биомассаи биологӣ, масоҳати барг, нишондодҳои фотосинтетикӣ ва сохтори таркибии ҳосили онҳоро исбот намудааст.

Таҷрибаҳои гузаронидаи саҳроии унвонҷуй нишон медиҳад, ки дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани коркарди хок ва захираи зиёди намӣ, ҳосилнокии дони зироати мушунг, маъсар ва зағир мутаносибан ба 18,23, ва 12 сентнер аз 1 га ба даст оварда шуд, ки он аҳмияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқотро дарбар мегирад.

Солиҳов М. М. натиҷаҳои таҳқиқотро дар сатҳи баланди илми гузаронида, баландии қади растаниҳоро вобаста аз коркарди чуқурии хок муайян намудааст. Ҳосилнокии баланди бедаи мушунг дар варианти коркарди хок дар чуқурии 30 см нисбати дигарҳо нишондоди беҳтарин қайд карда шудааст. Нишондодҳои таъсири чуқурии коркарди хок низ ба ташакулёбии масоҳати сатҳи барги мушунг, аз ҳама баланд дар варианти 30 см ба қайд гирифта шудааст, ки он 39,4 ҳазор $м^2$ – ро дар бар мегирад, ва нисбати варианти назорати 11,5 ҳазор $м^2$ зиёд мебошад. Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидаи унвонҷӯй нисбат ба сохтори ҳосили зироати мушунг ба қайд гирифта шуда, ҳосили баланди донро дар коркарди чуқурии хок дар сатҳи 30 см нишондиҳандаи беҳтарин инъикос шудааст..

Инчунин муаллиф натиҷаи таъсири коркарди хокро дар фаъолияти фотосинтетикии маъсар пурра омухта, ҳосили массаи биологии онро муайян намудаст, ки масоҳати барг аз 28,0 то 38,4 $м^2$ га зиёд шудааст,ки дар натиҷаи он ҳосили анбуҳи сабз ва хушк аз 414,7 то 467,5 ва 103,5 то 115,8 с /га мутаносибан афзоиш ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии гузаронидаи дисертант бо зироати загир ва омузиши технологияи парвариши вобаста ба вариантҳои аз 20 то 35 см давраҳои давомнокии 98-102 рӯзро муайян намудааст. Дар давраи пурра пухтарасии дон афзоиши зиёди массаи хушки зағир дар варианти коркарди хок дар чуқури 30 см муайян карда шуд, нишондиҳандаи он 47,9с/га мебошад.

Таҳқиқотҳои илмии рисолаи Солиҳов М.М. доир ба “Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор” яке аз талаботҳои имрӯзаи паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ дар кишт ва парвариши зироатҳо ва ғани

Натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии он дар 17 мақолаи илмӣ ба чоп расидаанд, аз он 12 номгӯй дар маҷалаҳои аз тарафи КОА-назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Муаллифи рисолаи диссертатсиони Солеҳов М.М. таҳқиқоти васеи назарявӣ, методологӣ ва амалиро ба анҷом расонида рисолаи илмиро иборат аз 10 банд ва тавсия ба истеҳсолотро иборат аз 1 банд барои истифодаи амалӣ пешниҳод намудааст. Таҳқиқотҳои дар автореферат оварда шуда бо тариқи коркарди оморӣ-риёзӣ ба анҷом расонида шудааст, ки мукамал будани рисоларо нишон медиҳад. Таҳқиқотҳои гузаронидаи диссертант дорои аҳамияти назарявию-амалӣ буда ба талаботи Комисияи Олии Аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА ҶТ) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Солеҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ бо ихтисосӣ 6D 08.01.01 зироаткории умуми, растанипарварӣ дар шӯрои дисертатсиони 6D КОА- 015 ба баҳои мусбӣ сазовор мебошад.

Ходими калони илмии шуъбаи зироатҳои кишоварзии
Маркази миллии захираҳои генетикии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси
06.01.05 селексия ва тухмипарварӣ _________ Пулодов М.

Мудири шуъбаи зироатҳои кишоварзии
Маркази миллии захираҳои генетикии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон _________ Ализода Н.Р.

Суроға: 735104 Ҷ.Тоҷикистон, ноҳияи Рӯдакӣ
ҷамоати Сарикишти. деҳаи Маҳмадшоҳи боло
**Тел . моб:** 938 27 18 34 918 23 30 08

Имзои Пулодов М. ва Ализода Н.Р.- ро
тасдиқ мекунам,

Нозир дорир ба кадрҳои ММЗГ-и АИКТ _________ Миҷгонаи М.

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ЗАХИРАҲОИ ГЕНЕТИКИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО